Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Одиназода Компон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод гардидааст.**

Бозори меҳнат ва такмили танзими давлатии он яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ буда барои муътадилгардонӣ ва идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Бозори меҳнат маконест, ки дар он дар асоси арзаю тақозои қувваи корӣ ва музди кор фаъолияти меҳнатии аҳолии қобили меҳнат ба танзим дароварда мешавад. Оид ба масъалаи шуғли аҳолӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди кор олимони зиёд ва намояндагони мактабҳои иқтисодӣ мулоҳиза намуда фикру андешаҳои худро баён намудаанд. Дар шароити имруза ин масъала ба масъалаи муҳими иқтисодӣ табдил ёфтааст. Зеро таъминнамоии аҳолӣ бо ҷойи кор, ташкил намудани ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ бо назардошти афзоиши шумораи аҳолӣ хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, қайд намудан ба маврид аст, ки таҳқиқоти мазкур барои иқтисодиёти Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Муаллифи автореферати диссертатсия масъалҳои назариявии вобаста ба бозори меҳнатро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Омузиши масъала аз таҳлили классикии он оғоз ёфта фарогири мулоҳизаҳо ва андешаҳои олимони замони муосир оид ба масъалаи шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат, раванди муҳоҷират мебошад.

Дар таҳқиқоти илмӣ фарзияи таҳқиқот муарификунандаи мазмун ва сохтор, инчунин натиҷаҳои интизории он баҳисоб меравад. Дар автореферати диссертатсияи мазкур тахмин карда мешавад, ки мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат ба идоракунии самараноки раванди муҳоҷират мусоидат менамояд, ки барои таъмини мувозинати байни арза ва тақозо дар бозори меҳнат мусоидат намуда, ба камшавии сатҳи бекорӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад. Фарзияи мазкур боиси дастгирист, зеро он илман асоснок карда шуда вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла муаллиф тавонистааст, ки адабиёти илмиро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда таҳқиқ намояд. Хусусияти дигари фарқкунандаи

таҳқиқоти мазкур аз он иборат мебошад, ки дар он ду масъала яъне: бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ таҳлил карда шудааст. Муаллиф натанҳо танзими давлатии бозори меҳнат ва мукамалгардонии механизми он балки танзими бозории онро низ таҳлил намудааст, ки дар асоси тақозою арзаи қувваи корӣ ва дараҷаи музди кор сурат мегирад. Дар автореферати диссертатсия муаллиф ақидаҳои А.Смит, К. Маркс, намояндагони мактаби классикӣ, неоклассикӣ ва кейнсиониро оид ба бозори меҳнат таҳлил намдуааст.

Дар расми 1. муаллиф усулҳои танзими давлатии бозори меҳнатро ба таври муфассал таҳлил намудааст, ки метавонад дар фаъолияти кории мақомоти шуғли аҳолӣ ҷиҳати танзими давлатии бозори меҳнат корбарӣ карда шаванд (саҳ.19).

Дар қисмати амалии таҳқиқоти илмӣ муаллиф мониторинги бозори меҳнати дохилии ҷумҳуриро бо назардошти мушкилот ва имкониятҳо таҳлил намуда барои кам кардани сатҳи бекорӣ ва тақвият бахшидани шуғли аҳолӣ як қатор тавсияҳои судманд намудааст. Дар доираи омӯзиши масъалаҳои танзими давлатии бозори меҳнат, таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчун манбаи муҳими таълими сиёсати шуғл ва рушди захираҳои инсонӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳонро мавриди таҳлили сохторӣ ва муқоисавӣ қарор дода, имкониятҳои истифодаи самараноки он дар шароити иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро нишон додааст. Дар автореферати диссертатсия моделҳои амрикоӣ, шведӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, ҷопонӣ мавриди таҳлили васеъ қарор гирифтаанд. Омузиш ва истифодабарии таҷрибаи ин давлатҳо дар самти танзими бозори меҳнат барои муътадилгардонии бозори меҳнат мусоидат менамоянд. Дар саҳифаи 33-и автореферат муаллиф дар расми 3 модели алоқамандии бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатиро нишон додааст. Ин модел нишон медиҳад, ки бозори меҳнат бо назардошти муҳоҷирати меҳнатӣ ва бе назардошти муҳоҷирати меҳнатӣ чигуна сурат мегирад. Яъне муаллиф муҳоҷирати меҳнатиро ҷонибдорӣ намуда онро ҳамчун омили муҳими таъсиррасон ба бозори дохилии меҳнат меҳисобад. Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд натиҷаи фаъолияти таҳқиқотиро нишон медиҳанд ва барои илм ва амалия нақши назаррас доранд.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари мавҷуд будани дастовардҳои назарраси илмӣ як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд: Агар муаллиф ба масъалаҳои институтсионалии танзими бозори меҳнат ва идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ таваҷҷуҳ менамуд сифати кори илмӣ беҳтар мегардид; Танзими бозори ғайрирасмии меҳнат хеле мушкил мебошад, зеро маълумоти дақиқ оид ба аҳолии ғайрирасмӣ фаъолияткунанда вуҷуд

надорад, аммо муаллиф дар расми 2 ин масъаларо баррасӣ намудааст, ки асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

Дар хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки пешниҳодҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта ба сифати таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад. Автореферати диссертатсияи мазкур таҳқиқоти ба охиррасида буда дар он хусусиятҳои навгонӣ мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта барои мукамалгардонии таҳқиқоти илмӣ ва амалияи хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд ва ҷавобгӯ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 трахти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Одиназода Комрон Саидаброр дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) дода шавад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи менеҷмент**
**ва маркетинги ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд** **Газибеков С.А.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А. ро тасдиқ мекунам.

02.09.2025

**Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд** **Маҳмудов Ш.У.**

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»
Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус